
МАН ВА ДӮСТАМ
АБДУҶАББОР

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**МУАЛЛИФОН:**

**Умеда Мунавварова**
ҳамоҳангсози барномаи ТСМ, Каритас Олмон

**Холмаҳмад Тенгниев**
роҳбари Иттиҳодияи нобиноёни ш. Душанбе

**Нилуфар Абдураҳмонова**
котиб-қироатчии Иттиҳодияи нобиноёни Тоҷикистон

**Илҳом Табаров**
мудири шуъбаи тавонбахшии ПЭТИТМ

**Майсара Юсупова**
мураббияи кӯдакистони №79, ш. Душанбе

**Меҳрубон Одинаева**
мутахассиси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шукрона Сатторова**
хонандаи синфи 10, мактаби миёнаи №89



**Муҳаррир: Абдуаҳад Removeбоҷонов**, муҳаррири ТВТ
**Аксбардор: Парвин Саадатӣ**, Oren TV
**Давлатбегим Завқибекова**
**Мушовир: Барбара Колуки**
**Такмили китоб: ҶДММ “ArtAREA”**

Ин китоб бо дастгирии саховатмандонаи Лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият (UNPRPD) таҳия шудааст.



Номи ман Алиҷон ва
ман ҳаштсола ҳастам.



Ин дӯсти ман Абдуҷаббор,
ӯ нобино аст.



Мо дар як мактаб мехонем.
Ман бо қалам менависам,
Абдуҷаббор бо грифел.



**Мо ҳар ду китобхониро дӯст медорем.
Ман бо ҳарфҳои кирилӣ мехонам,
Абдуҷаббор бо ҳарфҳои брайлӣ.**




**Мо ҳар ду афсонаҳоро дӯст медорем.**
**Ман мехонам, Абдуҷаббор**
**афсонаҳоро гӯш мекунад.**



Мо ҳар ду шашкабозӣ мекунем ва
бештар Абдуҷаббор ғолиб мешавад.



**Мо якҷоя сайругашт мекунем.**
**Абдуҷаббор асоро истифода мебарад.**



**Мо ҳар ду мусиқиро дӯст медорем. Абдуҷаббор ба ман таблакзаниро меомӯзад.**



Ман таблак менавозам,
Абдуҷаббор суруд мехонад.
Садои ӯ хеле форам аст.



Мо либосҳоро тозаву озода нигоҳ медорем. Абдуҷаббор ба ман ёрӣ мерасонад.




**Мо ҳар ду орзу дорем. Ман мехоҳам олим шавам, Абдуҷаббор сарояндаи машҳур шудан мехоҳад.**

Ин китобча намунае аз силсиламаводи мусбати иртиботӣ оид ба ҳаёти кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дар Тоҷикистон мебошад. Он барои кӯдакон таҳия шуда, бахше аз маъракаи фарогирии кӯдакону калонсолони дорои маъюбият дар саросари кишвар аст.

Силсиламаводи инноватсионии мазкур дар ҷараёни давраи омӯзишию амалии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 то 8-уми апрели соли 2017 баргузор гардид, аз ҷониби як гурӯҳ иштирокдорони болаёқат таҳия шудааст.

Китобчаи «Ман ва дӯстам Абдуҷаббор» дар бораи дӯстии ду писарак – Алиҷон ва Абдуҷаббор ҳикоят мекунад, ки дар як мактаб таҳсил менамоянд. Абдуҷаббор аз синни хурдсолиаш нобиност, аммо хеле зирак, кунҷков, меҳрубон ва боистеъдод аст. Ӯ ҳуруфоти брайлиро аз худ намуда, дар хондан пешсаф аст ва ба дигарон низ кумак мерасонад. Абдуҷаббор дорои қобилияти хуби дарки мусиқӣ ва овозхонӣ мебошад. Ӯ навохтани якчанд асбоби мусиқиро аз худ кард ва орзу дорад, ки сарояндаи машҳур шавад.

Агар фарзанди шумо дорои маъюбият бошад, умедворем, ки аз хондани ин китобчаи тоҷикии фарогири ҳаёти ҳама кӯдакон хушҳол хоҳад шуд. Агар фарзанди шумо дорои маъюбият набошад, ин китобчаро метавонед бо мақсади омода кардани ӯ барои шиносоӣ, пазироӣ ва дӯстӣ бо дилхоҳ кӯдак истифода кунед.

## Баъзе маълумоти муҳим дар бораи шахсони дорои маъюбият

- Шахсони дорои маъюбият ва бемаъюбият назар ба фарқ бештар умумият доранд.
- Одам ҳар қадар бо кӯдак ё шахси калонсоли дорои маъюбият бештар вақт гузаронад, ҳамон андоза тарсу ҳароси ӯ камтар мешавад.
- Муҳити беҳтарин барои инкишофи кӯдакони дорои маъюбият оила мебошад. Кӯдаконе, ки дар оилаи худ ба воя мерасанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва равонӣ бештар осебнопазиранд ва хубтар инкишоф меёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият қобилияти омӯхтани чизҳои зиёдеро доранд, ба шарте ки аз ҷониби оила, мактаб ва ҷомеаи худ дастгирӣ ёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият аксаран дар якҷоягӣ бо кӯдакони бемаъюбият беҳтар меомӯзанд ва инкишоф меёбанд.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият метавонанд шахсони комил, хушбахт ва фоидаовар бошанд, агар барои онҳо дастрасӣ ба таҳсилот, тавонбахшӣ ва имкониятҳои баробар фароҳам шуда бошад.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дилсӯзиро нисбат ба худ намепазиранд, балки хоҳони меҳрубонӣ, эҳтиром ва имкониятҳои баробар ҳастанд.
- Маъюбият «ҷазо» аз тарафи Худо нест. Он аз як шахс ба шахси дигар намегузарад.
- Кӯдакони дорои маъюбият ҳуқуқ ба дастгирӣ аз ҷониби соҳаҳои гуногун – тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ доранд.

ҲАР ЯКИ МО – ТАВОНО!